2860/13.1«д» аз 20.03.2014

Мақомоти ҳудудии андоз,
раёсатҳои Дастгоҳи марказии
Кумитаи андоз

«Оид ба андози фоида ва
тавозуни муҳосибавӣ»

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини маъмурикунонии дурусти андози фоида ва дуруст ба роҳ мондани талаботи Кодекси андоз дар таҳрири нав ва ислоҳу пешгирӣ намудани камбудиҳо дар ин самт мактуби дастурии мазкурро ирсол менамояд.

Гарчанде маъмурикунонии андози фоида нисбатан ба солҳои қаблӣ беҳтар гардида бошад ҳам, аммо то ҳол хатогиҳо дар қабули эъломияҳои ин намуди андоз ҷой дорад ва шахсони масъул ҳангоми қабули эъломияҳо ба нишондодҳои асосии фаъолияти андозсупорандагон аҳамияти зарурӣ намедиҳанд, ки дар натиҷа шумораи зиёди андозсупорандагон фаъолияти худро ба зарар ё ин ки фоидаи ночиз ҷамъбаст менамоянд.

Таҳлилҳо собит менамоянд, ки аз тарафи андозсупорандагон ҳатто меъёри андоз дуруст истифода бурда намешавад. Дар асоси талаботи моддаи 109 Кодекси андози амалкунанда аз 1.01.2013 инҷониб барои фаъолият оид ба истеҳсоли молҳо 15 фоиз, вале на камтар аз 1 фоизи даромади умумӣ ва барои дигар намуди фаъолият 25 фоиз, вале на камтар аз 1 фоизи даромади умумӣ меъёр муқаррар карда шудааст. Аммо таҳлилҳои пешакӣ ошкор намуд, ки ҳоло ҳам меъёри андоз аз ҷониби баъзе андозсупорандагон дуруст истифода нашуда истодааст.

Масалан, нисбати корхонаҳои коркарди пахта вобаста ба хусусияти фаъолияти онҳо ҳар ду меъёр истифода шуданаш мумкин аст. Дар сурати аз тарафи корхонаҳои пахтатозакунӣ харидорӣ кардани пахтаи хом ва аз ҳисоби корхона коркард кардану минбаъд фурӯхтани он ҳамчун корхонаи истеҳсолӣ меъёри 15-фоиза истифода карда мешавад. Агар корхонаи пахтатозакунӣ пахтаи хомро коркард намуда, маҳсулоти аз коркард бадастомадаро пурра ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ - хоҷагиҳои пахтакорӣ диҳад, ин амал хизматрасонӣ буда, меъёри 25-фоиза бояд истифода шавад. Ба монанди корхонаҳои пахтатозакунӣ, корхонаҳои ордбарорӣ, равғанкашӣ ва ғайраҳоро мисол овардан мумкин аст.

Ё ин ки андозсупорандагоне, ки мутобиқи талаботи Кодекси қаблӣ ҳамчун иҷрокунандаи кор ба монанди корҳои таъмирӣ, лоиҳакашӣ ва ғайраҳо аз меъёри 15-фоиза истифода мекарданд, акнун мутобиқи талаботи Кодекси андоз дар таҳрири нав бояд бо меъёри 25-фоиза андозбандӣ карда шаванд.

Инчунин, бояд ба қисми тарҳҳои (хароҷотҳои) эъломияи андоз диққати махсусан муҳим дода шавад ва ҳар як банди онро пурра зери

таҳлил қарор дода, муқаррароти боби 18 Кодекси андоз бо назардошти маҳдудиятҳо ва бо муқоисаи дигар нишондиҳандаҳо истифода бурда шавад. Масалан, маблағи умумии тарҳҳо, ки дар эъломия нишон дода шудааст, дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард (муомилоти андозбандишаванда) баррасӣ карда шавад, зеро ки объекти андозбандии андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ҳаҷми пурраи тарҳҳоро (хароҷотҳоро) бе назардошти маҳдудиятҳо дарбар мегирад.

Ҳангоми таҳлили тарҳҳои фоизҳо ва ҷаримаҳои пардохтшуда, қарзҳои беэътимод (шубҳанок), ҳиссаҷудокуниҳо ба фондҳои захиравии суғурта, пардохтҳои эҳсонкорӣ, тарҳҳо нисбати андозҳо ва ҷаримаҳо маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи Кодекси андоз ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд дуруст ба инобат гирифта шаванд. Инчунин, ҳангоми мавҷуд будани тарҳҳои ҳиссаҷудокуниҳои истеҳлокӣ ва дигар тарҳҳо аз рӯи воситаҳои асосии истеҳлокшаванда, хароҷоти таъмири воситаҳои асосии истеҳлокшаванда ва хароҷот барои активҳои ғайримоддӣ ба меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси андоз диққат дода шуда, ҳамзамон бо нишондиҳандаҳои тавозун муқоиса карда шаванд.

Тарҳҳо нисбати музди меҳнати ҳисобгардида дар алоҳидагӣ таҳлил карда шуда, бо нишондиҳандаҳои эъломияҳои андоз аз даромади шахсони воқеӣ ва андози иҷтимоӣ муқоиса карда шуда, махсусан дурустии маблағҳои ҳисобшудаи андози иҷтимоӣ муайян карда шавад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, дар қисми ба инобат гирифтани зарарҳои аз дигар давраҳо гузаронидашуда диққат дода шавад ва он бо нишондиҳандаҳои тавозун ва санадҳои санҷиши ҳуҷҷатии андоз дар се соли охир муқоиса карда шуда, маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи моддаи 124 Кодекси андоз дуруст татбиқ карда шавад.

Алалхусус ба талаботи банди 63 «Дастурамал дар бораи тартиби ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз фоида» оид ба ҳисоб ва тарҳ кардани зарари солҳои пештара ё ин ки ба дигар давра гузаронидани зарари андозсупорандагоне, ки мутобиқи моддаи 110 дар ин солҳо аз пардохти андози фоида озод буданд, диққат дода шавад. Яъне, зарари фаъолияти он солҳое, ки андозсупоранда аз пардохти андози фоида озод буд, барои тарҳ кардан иҷозат дода нашуда, ҳамчунин ба давраи минбаъда гузаронида намешавад.

Инчунин, ҳангоми ба инобат гирифтани тарҳҳо (хароҷотҳо) талаботҳои Низомномаи «Калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот (кору хизматрасонӣ) дар корхонаву ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 майи соли 1999 №210 тасдиқ карда шудааст, дуруст истифода бурда шавад.

Бояд қайд намуд, ки дар Барномаи компютерии СИА «Баҳисобгирии андозҳо аз шахсони ҳуқуқӣ» дар бахши «Эъломияҳои нав» зербахши «Эъломияи андози фоида аз рӯи ҷамъбасти сол» ҳамроҳ карда шуд.

Ҳангоми қабули эъломия нишондиҳандаҳои қисми даромади умумӣ пурра таҳлил карда, бо нишондиҳандаҳои маълумотномаи

пешпардохти андози фоида муқоиса карда, ба ҳолатҳои зерин бояд аҳамияти махсус дода шавад:

1) ҳангоми ба ҳисоб гирифтани маблағи пешпардохти андози фоидаи андозсупорандагоне, ки дар эъломияи андози фоидаи соли 2012 маблағи пешпардохти ин намуди андозро аз 15 апрели соли 2012 то 15 марти соли 2013 ба ҳисоб гирифта буданд, маблағи пешпардохти андози фоидаи соли 2013 барои 10 моҳ аз 15 апрели соли 2013 то 15 январи соли 2014 ба ҳисоб гирифта мешавад;

2) андозсупорандагоне, ки пешпардохти андози фоидаи соли 2012-ро аз рӯи соли тақвимӣ ба ҳисоб гирифта буданд, пешпардохти андози фоидаро барои соли 2013 аз рӯи 12 моҳи соли тақвимӣ, яъне аз 15 феврали 2013 то 15 январи соли 2014 ба ҳисоб мегиранд;

3) андозсупорандагоне, ки дар соли 2012 дар низоми соддакардашудаи андозбандӣ фаъолият мекарданд ва соли 2013 ба низоми умумии андозбандӣ гузаштанд, маблағи пешпардохти андози фоидаро барои соли 2013 аз рӯи 12 моҳи соли тақвимӣ аз 15 феврали соли 2013 то 15 январ ба ҳисоб мегиранд.

Ҳамзамон, ба талаботи моддаи 158 Кодекси андоз нисбати тақсим кардани маблағи пардохтҳои ҷории андоз аз фоида ва маблағҳои андоз аз фоида аз рӯйи ҷамъбасти соли тақвимӣ диққати махсус бояд дода шавад. Ҳиссаи андози ба воҳиди асосӣ ва воҳидҳои алоҳида тақсимшаванда вобаста ба ҳиссаи хароҷот барои музди меҳнати воҳиди асосӣ ва воҳидҳои алоҳида мутобиқ ба маълумоти баҳисобгирии муҳосибии корхона барои давраи ҳисоботӣ муайян карда мешавад.

Инчунин, бо мақсади баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва рушди хизматрасонии электронӣ дар бахши «Эъломияҳои нав» зербахш бо номи «Тавозуни муҳосибавӣ» (бухгалтерский баланс) ҳамроҳ карда шуд, ки дар он тавозуни муҳосибӣ бо назардошти замимаҳо вобаста ба талаботи Стандарти байналмилалии ҳисобдории молиявӣ» (МСФО) ҷойгир карда шудааст.

Аз ин рӯ, андозсупорандагоне, ки ба пешниҳоди электронии эъломияҳо гузаштаанд мутобиқи талаботи моддаи 50 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тавозуни муҳосибавии соли 2013-ро дар шакли электронӣ ва дигар андозсупорандагон бошанд, дар шакли коғазӣ бояд то 1 апрели соли 2014 ба Нозироти андоз пешниҳод намоянд.

Кормандони масъули мақомоти ҳудудии андоз вазифадоранд, ки тавозуни муҳосибавии дар шакли коғазӣ пешниҳодшударо ба зербахши «Тавозуни муҳосибавӣ»-и бахши «Эъломияҳои нав»-и Барномаи компютерии СИА «Баҳисобгирии андозҳо аз шахсони ҳуқуқӣ» дохил намоянд.

Сардорони мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки мактуби дастурии мазкурро дар машғулиятҳои омӯзишӣ ба маълумоти кормандон расонанд ва нишондиҳандаҳои ҷамъбастии эъломияҳои андози фоида барои соли 2013-ро то 20-апрели соли 2014 ба Кумитаи андоз пешниҳод намоянд.

Раис Давлатзода Н.М.